حوار عبد الله بن عباس
مع الخوارج

# Гуфтугӯи Абдуллоҳ ибни Аббос бо ХАВОРИҶ

*(дарсҳову ибратҳо)*

*Тарҷума ва таҳқия: АбуМарям Муҳаммадазизи Раҷабӣ*
*Тасҳеҳ: Устод Фирдавсии Нуралиён.*
*12.10.2015.*

**Ба номи Аллоҳи бахшанда ва меҳрубон!**

Уммати исломӣ тайи асрҳои мутааххир дар гиромитарин ва пурарзиштарин гавҳари дини худ мубтало шуд, дар ақидаи софу покиза ва беолоишаш, ки онро Паёмбар {дуруду саломи Аллоҳ бар ӯ ва хонадону ёронаш бод} аз ҷониби Парвардигораш овардааст, он ақидае ки ёрони Паёмбар (Аллоҳ аз эшон розӣ бод) бар он будаанд ва гурӯҳи на он қадар бузурги мусулмонон аз пайи эшон рафтанд, сипас дар қуруни вопас аз ин ҳам камтар касе аз эшон пайравӣ намуд:

ثُلَّةٌ مِنَ الْأَوَّلِينَ (13) وَقَلِيلٌ مِنَ الْآخِرِينَ (14)

"Гурӯҳи зиёде аз пешиниён ва гурӯҳи андаке аз пасиниён". (Воқиъа,13-14).

Бо ин ҳама, ин тоифаи камъадад аз уммати исломӣ ҳамвора бар роҳи ҳақ пирӯз хоҳад буд, ҳамчуноне ки Паёмбар {дуруду саломи Аллоҳ бар ӯ ва хонадону ёронаш бод} мужда додааст:

(لَا تزَال طَائِفَة من أمتِي ظَاهِرين على الْحق لَا يضرهم من خذلهم حَتَّى يَأْتِي أَمر الله وهم على ذَلِك).

“Ҳамеша гурӯҳе аз уммати ман бар ҳақ ҳувайдо (чира) хоҳад монд: Ва касе бо эшон мухолифат кунад, осебашон нарасонад, то инки амри Худованд (барои барпо кардани Қиёмат бар дамидани сур) биёяд ва онон бар ин ҳол бошанд”. (Бухорӣ ва Муслим).

Ва ин мусибати азим решаҳои таърихии амиқ дорад, ки ба асрҳои нахуст бармегардад. Оғози ин мусибати пурошӯб аз куштори халифаи рошид Умар ибни Хаттоб ба дасти маҷусие кинатӯз оби заҳролуд чашид, сипас бо хиёнати ноҷавонмардонае ба Зун-Нурайн - Усмон ибни Аффон ҷоми шаҳодат нӯшониданд. Баъд аз ин масъалаи инкори қадар зуҳур кард, сипас оташи фитна барафрӯхта шуд ва қатлу куштор миёни муслимин мисли оташе дар хас даруфтод ва хавориҷ падида омаданд, сипас шиъагарӣ пайдо шуд. Аҳли ташайюъ бо ғулувви хеш аз дин канора гирифтанд ва ақидаи рофизагарӣ миёни уммати исломӣ мунташир карданд.

Дар тӯли торих бузургмардоне дар муқобили ин гуна каҷравиҳо қиём карданд, бузургмардоне, ки миёни илму дониш ва миёни амал намудан аз рӯи илм ва миёни ҷиҳод дар роҳи Худовандро дар сиришту кирдори худ ҷамъ мекарданд. Ин бузургони покизасиришт ва покизаэътиқод фазои исломиро аз ҳар гуна инҳирофот ва олудагиҳову унсурҳои бегона покиза нигаҳ медоштанд.

Зимни ин навиштор асаре, ё хабареро[1] хоҳем баррасӣ кард, ки дар бораи намунае аз инҳирофоти хатарнок ворид шудааст, ки дар оғозгоҳи таърихи ин

---

[1] *Ҳадис, хабар ва асар аз истилоҳоти улуми ҳадисанд:*

*Ҳадис – гуфтор, кирдор, иқрор ва сифатест, ки ба Паёмбар нисбат дода мешавад.*

*Аммо хабар – гӯянд, ки муродифи ҳадис аст ва гӯянд, ки мугойир асту ҳадис ба Паёмбар таъаллуқ дорад ва хабар ба ғайри Паёмбар ва гуфтаанд, ки хабар ом асту ҳадис хос.*

*Аммо асар – гӯянд, ки муродифи ҳадис аст ва низ гӯянд: ончӣ ба саҳоба ва тобиъин таъаллуқ дорад асар аст. "Тайсиру мусталаҳи-л-ҳадис", Маҳмуд Таҳҳон.*

уммат воқеъ шудааст ва чӣ гуна бузургмарде аз дабистони набавӣ бо ин инҳироф мухолифат ва муқобала кард. Дабистоне, ки бузургтарин мардони таърихро тарбия карда аст!

Дар ин асар фавоиди зиёдест, гарчи ҳадаф - истихроҷи тамомии ин фавоид нест, балки чанд ишораи мухтасарест ба баъзе аз ин фавоид. Мутолаъаи бештар ва таъаммуқ дар маъонии ин асарро ба хонандаи гиромӣ вомегузорем.

Равиши мо дар арзу тақдими ин асар бад-ин минвол аст:

- Дар якҷоягӣ арз намудани тамоми ривоятҳои ин асар, аз тариқи изофа кардани зиёдатҳои ривоёти гуногун бар ривояти аслӣ[2].

**Инак матни асар:**

Аз Ибни Аббос {Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод!} ривоят мешавад, ки гуфт:

"Вақто ки ҳарурия[3] ба вуҷуд омаданд, дар макони алоҳида ҷамъ гаштанд, ки шаш ҳазор нафар буданд ва қарор карданд, ки ба муқобили Алӣ ибни Абу-Толиб ва ёрони Паёмбар хуруҷ кунанд.

Мардоне назди Алӣ омадаву мегуфтанд:

- Эй Амирул-муъминин, эшон оҳанг доранд, ки бар шумо хуруҷ кунанд!

Алӣ мегуфт:

- Бигзорашон то хуруҷ кунанд, ман бо эшон намеҷангам, то инки нахуст эшон бо ман биҷанганд[4] ва ҳамин гуна ҳам хоҳанд кард[5].

Рӯзе ба Алӣ гуфтам:

- Намозро (яъне намози Пешинро) сардтар адо кун (яъне каме ба таъхир андозу баъди рафтани гармо бигузор), то аз намоз (-и ҷамоъат) намонам, то ки бо эшон (бо хавориҷ) гуфтугӯй намоям.

Алӣ гуфт:

- Ман аз онон бим дорам, ки туро осебе бирасонанд.

Гуфтам:

Ин-шоаллоҳу таъоло, чунин намешавад. Ва ман некӯахлоқ будам ва касеро наозурдаам[6].

---

[2] *Асли ин мақола аз Шайх Маън ибни Абдул-Қодир мебошад, ки бо баъзе шарҳу изофот ва ҳамчунин овардани муҳтавои таълиқоти Шайх Саъид Маҳмуд бар ин мақола пешкаши хонандагон мегардад.*

[3] *Хавориҷро "ҳарурия" бад-он гӯянд, ки дар деҳе бо номи "Ҳаравро" ҷамъ омада буданд, ки воқеъ дар думилии шаҳри Кӯфа аст.*

[4] *Алӣ {Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод!} намехост, ки роҳи ҳалро бо эшон аз задухӯрд ва қатлу куштор огоз кунад. Роҳи ҳалли хунин ва задухӯрд, яъне ба истилоҳи имрӯз, роҳи ҳалли "амниятӣ". Ва шояд имрӯзҳо яке аз сабабҳои интишори падидаи такфир ва хавориҷ ҳамин роҳи ҳалли "амниятӣ" бошад, ки ба сабаби зарбу шиканҷа ва зиндону фишорҳо, ҳолро аз буда ҳам бадтар мекунанд. – Шайх Саъид Маҳмуд.*

[5] *Алӣ медонист, ки аҳли Ҳараврo хуруҷ хоҳанд кард, зеро ки Паёмбар (салому дуруди Аллоҳ бар ӯ ва олу асҳобаш бод) дар бораи ин тоифа хобар дода буд.*

[6] *Яъне Ибни Аббос ба сабаби некӯахлоқии хеш мақбули ҳама тарафҳо буд. Дар ин сухани Абдуллоҳи ибни Аббос ишорае ҳаст, ки бояд чунин ашхоси мақбули дуҷониб*

Ибни Аббос мегӯяд: Сипас некӯтарин либосе ки имкон доштам ба бар кардам. (Абу-Замил гӯяд: Ибни Аббос марди зебову хубсурат буд).

Мегӯяд: Ҳангоми қиёми нисфирӯзӣ бар эшон ворид шудам, дар ҳоле ки онон дар хоби қайлула[7] буданд.

Ба назди қавме ворид шудам, ки ҳеҷ гоҳ касеро дар ибодат ва иҷтиҳод аз онҳо шадидтар надида будам. Дастонашон монанди зонуҳои шутур дурушт шуда буданд ва рӯйҳояшон аз осори саҷда доғдор, ҷомаҳояшон обшуставу фарсуда[8] ва аз бедорхобии зиёд ранги рӯяшон зарду парида буд[9].

---

*(яъне уламову даъватгароне, ки мавриди мақбули ҳарду ҷонибанд) бояд дар ҳалли мушкилоти ҷомеъа дахолат кунанд ва майдони ислоҳу ҳалли ихтилофотро тарк нанамоянд. – Шайх Саъид Маҳмуд.*

[7] *Қайлула – хуфтани нимрӯзон, хоби нимрӯз, хоби қабл аз пешин, хоби қабли нисфирӯзӣ.*

[8] *Киноя аз зуҳду беэътиноӣ ба зинат.*

[9] *Онҷӣ ки Абдуллоҳ ибни Аббос аз авсофи неки хаворич нақл мекунад, аз инсофи ӯст ва хусумату душманӣ бо хаворич сабаб нагаштааст, ки Ибни Аббос дар мавриди эшон беинсофӣ кунаду дашному таҳқир ва ё бухтону дурӯге ба забон оварад.*

*Ва имрӯз низ дар хусумат ва муборизаи мо бо хаворич ва аҳли такфиру аҳли ифрот, ҳамин инсофу адлу ростӣ метавонад, мардумро нафъ бахшад ва садди роҳи интишори афкори онон гардад, на таҳқиру бадзабонӣ ва туҳмату бухтонҳои ҳангомадор. Ҳар дурӯгу бухтоне, ки баъзе "хизмати хирсона"-кунандагон ба хотири бадному сиёҳ кардани ҷавонони ифротӣ нашр мекунанд, силоҳе бар зидди худи эшон хоҳад буд ва кинаву адоват ва фарҳанги кароҳиятро бештар меафзояд!*

*Чӣ тавре имрӯз мебинем, бадномкуниву шайтонтарошии барзиёд аз ҷавононе ки пайравии ҳаракатҳои ифротӣ кардаанд. Ва ин сиёсати бадномкунӣ (ва адами риъояти адлу инсоф дар муҳокима), бештар ҷавонони умматро ба оғӯши ҳаракатҳои ифротӣ ҳавола мекунад.*

*Дурӯғ мегӯянд, ки ин ҷавонон ба хотири молу сарват ба ифротиҳо пайвастаанд, дар ҳоле ки худ бисёр хуб медонем, ки ҳақиқат чунин нест, балки ангезаҳои дигаре сабаби пайвастани ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротӣ шуда аст. Ё ки салафиятро (манҳаҷи Қуръону Суннатро) бадному сиёҳ мекунанд, ки гӯё сабаби пайвастани ҷавонон ба эшон бошад, дар ҳоле ки медонем салафият ба гулувву ифрот, хаворич ва аҳли такфир мухолифу муқобил аст!*

*Ин ҷавононро ҷоҳилу бесавод мехонанд ва дурӯғ мегӯянд, ки аз фарти камсаводӣ, ё бесаводӣ ба ифротиҳо пайвастаанд, дар ҳоле ки ҳақиқат чунин нест, балки ин ҷавонони мазкур аз пешқадамони ҷомеъаи мо будаанд ва саводи кофӣ низ доштанд, вале мутаассифона, бо иллатҳои гуногуне (мисли нодуруст бардошт кардан аз мутуни шариъат ва ин ҳам ба хотири набудани таълими кофии аҳкоми дин, ё ки вуҷуди баъзе аз анвоъи фишору тазйиқҳо дар ҷомеъа, ё ки адами вуҷуди иршоду раҳнамоии саривақтии аҳли илм ба ин ҷавонон дар мавриди чигунагии хидмат ба дин ва нусрати дин) эшонро аз даст додаем!*

Чун ворид шудам, гуфтанд:

- Хуш омадӣ, эй Ибни Аббос! Чӣ чиз туро инҷо овард? Ва ин чӣ ҷома (либос) аст, ки ту ба бар кардаӣ?

Гуфтам:

- Бар ман чӣ айб мегиред? Паёмбарро дидам, ки некӯтарини ин гуна ҷомаҳоро ба бар мекард[10] ва ин оят низ нозил шудааст, ки:

(قُلْ مَنْ حَرَّمَ زِينَةَ اللَّهِ الَّتِي أَخْرَجَ لِعِبَادِهِ وَالطَّيِّبَاتِ مِنَ الرِّزْقِ)

“(Эй Муҳаммад!) Бигӯ: Чӣ касе зинатҳои илоҳиро ҳаром мегардонад ва рӯзии покизаро, ки ӯ барои бандагонаш берун оварда аст?”. (Сураи Аъроф - 32).

Гуфтанд:

- Барои чӣ омадӣ?

Гуфтам:

- Омадам, то ки бо шумо дар бораи асҳоби Паёмбар суҳбат кунам ва аз назди домоди Паёмбар омадам. Ёрони Паёмбар касоне ҳастанд, ки ваҳй (шариъат ва Қуръону Суннат) бар эшон нозил мешуд ва эшон ба фаҳму дарки онҳо огоҳтаранд, вале дар миёни шумо касе аз ёрони Паёмбар нест[11].[12]

---

*Бо чунин усули мунҳариф ва бухтону газофабофӣ наметавон пеши ин инҳирофро ва ифротӣ гаштани ҷавононро гирифт!...*

*Пас бояд ки бо адлу инсоф ва шунидани тарафи муқобил ва сидқу ростӣ бо пайравони имрӯзи хаворич муқобала ва мубориза бурд, чӣ тавре ки ин саҳобии бузургвори Паёмбар тавонист бо чунин роҳу равиши дуруст ду ҳазор аз хаворичро ба роҳи ҳақ ва рушд бозгардонад.*

[10] *Ва ин аввалин зарбаи Абдуллоҳ ибни Аббос бар хаворич буд, ки мехост баён кунад, хаворич аз аҳкому фармудаҳои дин (зуҳду тақво ва порсоӣ) бардошти ғалате доранд. Ва онҷӣ ки эшон аз диндориву зуҳду тақво мефаҳманд, хилофи фаҳму фармудаи Паёмбар аст (саломy дуруди Аллоҳ бар ӯ ва олу асҳобаш бод).*

*Бад-ин маънӣ, ки зуҳд ин нест, ки неъматҳои Худовандро бар худ ҳаром гардонӣ, балки зуҳд дар ҳақиқат ин аст, ки гирифтори дунё набошӣ ва ба хотири дунё ва шаҳавоти ин дунёи зудгузар аз амри охират ғофил машавӣ.*

[11] *Абдуллоҳ ибни Аббос гуфтугӯи хешро аз баёни фазилати Саҳоба огоз кард ва бар аҳаммияти пайравӣ аз фаҳму бардошти Саҳоба аз дину шариъат таъкид намуд ва бар ин ки ёрони Паёмбар аз Қуръону шариъат огоҳтаранд. Ва бар инки ҳеҷ касе аз ёрони Паёмбар бо шумо нест ва чунин фаҳме аз дин - фаҳми ғалати шумост, ки мунҳариф гаштаву аз роҳу равиши ёрони Паёмбар дур рафтаед.*

*Дар он замон ин асли муҳим (яъне чигунагии фаҳму бардошти Саҳоба аз дин) як амри возеҳу ошкор ва собиту мақбул буд ва ҳамагӣ ба ин ҳақиқати мусаллам муътақид буданд, ки ёрони Паёмбар огоҳтарини мардум бар мақосиди шариъат ва донотарини мардум ба Қуръону Суннатанд ва шоистатарини мардум барои иқтидо ва пайравӣ. Мутаассифона, ин асли муҳим ва азимро Абдуллоҳ ибни Сабои яҳудӣ барҳам задаву тоифае аз афроди ин умматро гумроҳ сохта. Ин гумроҳӣ бо номи ташайюъ ва рофизагарӣ зуҳур кард, ки асли мазҳабу маслаки эшон душманӣ ва адоват бо ҳамин ҳақиқат ва меъёр аст - душманӣ бо фаҳму бардошт ва мазҳабу равиши ёрони Паёмбар!*

Баъзе аз онҳо гуфтанд: Бо Қурайш (яъне қурайшӣ) ҷидол макунед, зеро ки Худованд фармудааст: "Балки эшон қавми ҷидолкунанда мебошанд". (Сураи Зухруф – 58)[13].

Ва ду тан, ё ки се тан хостанд, ки суҳбат кунам[14]...

Гуфтам: Маро хабар диҳед, ки чӣ айб мегиред бар писар-аму ва домоди Паёмбар ва аввалин касе ки ба Паёмбар имон овардааст, ҳол онки ёрони Паёмбар бо ӯянд[15]!

---

*Ба ҳамин хотир, ин мазҳаб дар тӯли торихи вуҷуди хеш, ҷуз кинаву адоват бо ёрони Паёмбар ва ҷуз мухолифат бо ёрони Паёмбар ва сохтану бофтани ривоёти дурӯғин барои мухолифат бо мазҳабу фаҳми Саҳоба чизе бор надодааст, чун роҳи ин мазҳаб, аслан ба ҳамин ҳадаф ба вуҷуд омадааст! Сутуни кач, сояаш низ кач аст!*

*Хишти аввал гар ниҳад меъмор кач,*
*То ба охир мерасад, девор кач.*

*Лизо, агар шахсе даъво кунад, ки мазҳаби шиъа ба хотири зарба задан ба Ислом ба вуҷуд омадааст, ба ҳамин иллат аст!!!*

[12] *Ва ҳамчунин барои вазъи имрӯз мегӯем: Кӣ бояд дар ҳоли низоъ ва ихтилоф сухан бигӯяд, донишмандон ё ки ҷавонони эҳсосотӣ?! Албатта шакке нест, ки бояд донишмандон сухан гӯянд. Вале агар имрӯз аз номи уламо ба ҷавонон сухане бигӯйӣ, ҳатман сокитат мекунанд!*

*Донишмандоне ки шумо имрӯзҳо дашном додаву мунофиқу хоин мехонед, ҳаминҳо буданд, ки динро ба шумо омӯхтанд ва ҳаминҳо ҳастанд, ки ҳаққи иҷтиҳод ва назар дар масоилро доранд... – Шайх Саъид.*

[13] *Истидлол ба ин ояи карима дар муқобала бо Ибни Аббос, нишон медиҳад, ки чӣ қадр хаворич аз фаҳму дарки дурусти Қуръон маҳруманд ва он оятеро ки Худованд дар ҳаққи мушрикини Қурайш нозил кардааст, мехоҳанд ки бар саҳобии Паёмбар татбиқ намоянд. Бале, Ибни Аббос қурайшӣ ҳаст, вале қурайшии муъмин аст, на мушрик.*

[14] *Ин далолат бар он мекунад, ки ҳеҷ вақт набояд рӯҳафтода шуд ва аз ислоҳу даъват ба ҳаққу ҳидоят даст кашид, зеро ки ба хости Худованд инсонҳое пайдо мешаванд, ки ҳақиқатро хоҳанд шунид ва розиянд ки даъвати шуморо бишнаванд ва бо шумо гуфтугӯй кунанд.*

[15] *Бале, ёрони Паёмбар ҳамроҳи Алӣ буданд, на ҳамроҳи хаворич ва мунҳарифон. Пас ту низ, бародари азиз, имрӯз ба ҳоли худ нигар, ки дар чӣ роҳе ва бо чӣ касе раҳсипор ҳастӣ! Оё ончӣ ки мегӯӣ ва ончӣ ки тасаввур мекунӣ, қавлу тасаввури аҳли илм аст, ё ки шиъору даъво ва афкори парокандаи ҷавононе амсоли худат!? Бубин, ки оё аҳли илм дар ин роҳ бо ту ҳастанд, ё ки баръакс, мухолифи ин маслаки ту мебошанд!*

*Ва ҳамчунин, мабодо фиреби бесаводонеро хӯрда бошӣ, ки арзише ба аҳли илм қоил нестанд. Ин ҳама масоили муҳиме, ки хабар дорӣ, мисли "ҳукми тоғут" ва "таваллo ва табарро", "ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ", "ҳақро баён кардан ва аз касе ҳарос надоштан" ва ғайраро аз ҳамин аҳли илм омӯхтаӣ, пас татбиқашро низ аз эшон бигир ва гумон макун, ки аҳли илм (ворисони Паёмбар) тарсуву мунофиқ буданд ва ба илму дониши худ амал намекарданд. Гумон мабар, ки аҳли илм ба хотири шаҳавоти дунё - уқбои хешро мефурӯшанд!*

Гуфтанд: Се чизро бар ӯ айб мегирем.

Гуфтам: Чист он?

Гуфтанд: Аввал инки ӯ инсонҳоро дар дини Худованд довар қарор дод, ҳол онки Худованд фармудааст:

(إِنِ الْحُكْمُ إِلَّا لِلَّهِ).

“Ҳароина ҳукм (доварӣ) танҳо азони Аллоҳ мебошад”[16], пас баъди ин фармудаи Худованд, инсонҳоро чӣ мондааст ба ҳукм.

Гуфтам: Боз чӣ?

Гуфтанд: Ӯ (бо қавме) ҷангид, вале на асир гирифт ва на ғанимат. Агар (он қавм) кофир буданди, пас моли эшон барои ӯ ҳалол буди ва агар муъмин буданди, пас рехтани хуни эшон (ва ҷангидан бо он қавм)[17] барои ӯ ҳаром буди.

---

*Таъну таҳқир ба аҳли илм, равиши маълум ва машҳур аст, равиши аҳли бидъат ва залолат, аммо равиши аҳли Суннат эҳтироми уламост ва гумони нек ба эшон бурдан, пайравӣ ва иқтидо ба ворисони Паёмбар кардан аст...*

[16] *Шиъоре ки хаворич сар медоданд:*

(إِنِ الْحُكْمُ إِلَّا لِلَّهِ).

*“Ҳароина, ҳукм (доварӣ) танҳо аз они Аллоҳ аст”, шиъори ҳаққе буд, вале чӣ тавре ки Алӣ (разияллоҳу анҳу) гуфтааст, ба хотири ботил (бар асоси фаҳму бардошти ботилу нодуруст) гуфта шуда аст.*

*Ин шиъоре ки хаворич он рӯз сар дода буданд, ҳосилаш ин буд, ки Алӣ ва Муъовия (разияллоҳу анҳумо) ва лашкару пайравони ҳарду тараф ва ёрони Паёмбар (Аллоҳ аз онҳо розӣ бод) кофир хонда шуданд ва номусу хуну моли мусулмонон ҳалол шуморида шуд.*

*Имрӯз низ хаворич ва хаворичсифатон аз Қуръону Суннат ва каломи аҳли илм иқтибос меоранд, вале бидуни фаҳми саҳеҳ ва бидуни риъоят кардани шарту меъёрҳои аҳкоми шариъат. Имрӯз низ бо шиъорҳои ҷаззобе ва суханрониҳои ҳангомадоре ҷомеъаҳоро такфир карда, кишварҳои мусулмонро диёри куфру тоғут ҳукм мехонанд. Бо такфири як шахсе муъайян (ва он ҳам дар асоси усул ва қоъидаҳои мазҳаби ботилашон) мухолифин ва боқимондаи мардумро низ кофир мехонанд, зеро ки дар раъйи кофир донистани мухолифонашон бо эшон ҳамроҳ нагаштаанд...*

[17] *Хаворичи дирӯз намедонистанд ва хаворичи имрӯз низ намедонанд, ки ҷанг байни ду гурӯҳе аз мардум ҳатман, ба хотири куфру ислом нест, ҳатман, як тараф мусулмони комил ва тарафи дигар кофиру муртад нест, балки ҷангу куштор байни ду гурӯҳ мусулмон низ эҳтимол дорад ва ин ҷанги фитна аст.*

*Ва ончӣ ки дар ҷанги Ҷамал рух дод, аз ҳамин гуна ҷанг буд, миёни ду гурӯҳ аз мусулмонон ва дар чунин ҷанг ганимат ситондан ва асиру каниз гирифтан вуҷуд надорад ва дар чунин ҷанг, куштани шахси захмӣ ва таъқиб кардани шахси фирорӣ ҷоиз нест.*

*Ин гуна масоилро хаворич ва хориҷисифатон намедонанду донистан ҳам намехоҳанд! Муҳим барои инҳо ҳатман кофиру муртад ҳукм кардани касе ва ё тарафе ва ё тоифае мебошад.*

Гуфтам: Ва боз чӣ?

Гуфтанд: Худро (номи худро ҳангоми навиштан) аз "амири муъминон" будан ҳазф кард, пас агар амири муъминон набошад, ҳосил ин аст, ки амири кофирон аст.

Гуфтам: Оё ишколи дигаре ҳам доред? Гуфтанд: Ҳамин кифоя ҳаст.

Гуфтам: Агар аз китоби Худованд оёти муҳкамро бихонам ва аз Суннати Паёмбар чизеро ки инкор намекунед бар шумо ривоят кунам, (аз ин ҳоли хеш) бозмегардед?

Гуфтанд: Бале!

Гуфтам: Аммо посухи ишколи нахустин ин аст:

Худованд фармудааст:

(يَاأَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تَقْتُلُوا الصَّيْدَ وَأَنْتُمْ حُرُمٌ).

"Эй касоне ки имон овардаед, дар ҳоли эҳром сайдро шикор макунед (макушед)"

Ва дар идомаи оят фармуд, ки агар касе аз шумо амдан бикушад, пас каффора дорад, ки дар он каффорат

(يَحْكُمُ بِهِ ذَوَا عَدْلٍ مِنْكُمْ).

"ду нафар одил аз миёни худатон қазоват кунанд". (Сураи Моида – 95).

Ва ҳамчунин дар мавриди зану шавҳар фармудааст:

(وَإِنْ خِفْتُمْ شِقَاقَ بَيْنِهِمَا فَابْعَثُوا حَكَمًا مِنْ أَهْلِهِ وَحَكَمًا مِنْ أَهْلِهَا).

"Ва агар (миёни зану шавҳар ихтилофе афтод ва) тарсидед (ки ин боиси) ҷудоӣ миёни онҳо шавад, пас доваре аз хонаводаи шавҳар ва доваре аз хонаводаи ҳамсар (интихоб кунед ва барои рафъи ихтилоф) бифристед". (Сураи Нисо – 35).

Инак ман шуморо ба Худованд савганд медиҳам, ки бигӯед оё довар қарор додани инсонҳо дар робита бо ҳифзи хунашон ва ҷонашон ва дар робита бо ислоҳу сулҳашон, шоистатар аст, ё ки дар мавриди заргӯше, ки чоряк дирҳам қимат дорад ва ё дар робита бо ақди никоҳи зане? Ва инро ҳам бидонед, ки агар Худованд мехост, ҳатман дар ин маврид ҳукми хешро нозил мекард ва бар уҳдаи инсонҳо намегузошт.

Посух доданд: Бале, ҳифзи хунашон ва ислоҳи душманиву кина шоистатар аст!

Гуфтам: Оё аз ин (ишкол) хориҷ шудам (яъне посухатонро гирифтед)?

Гуфтанд: Бале!

Гуфтам: Аммо ишколи дуввуматон, ки гуфтед, (дар ҷанги Ҷамал) ҷангид, вале асиру ғанимат нагирифт. (Посухаш ин аст, ки) оё мехоҳед, модаратон Оишаро асир бигиред? Ё ки шумо ончиро ки аз дигарон ҳалол медонед аз ӯ ҳалол медонед? Кофир мешавед!

Ва агар гумон кунед, ки Оиша модари муъминон нест, пас кофир шудаед ва аз Ислом хориҷ гаштаед. Худованд мефармояд:

(النَّبِيُّ أَوْلَى بِالْمُؤْمِنِينَ مِنْ أَنْفُسِهِمْ وَأَزْوَاجُهُ أُمَّهَاتُهُمْ).

“Паёмбар барои муъминон аз худашон ҳам авлотар аст ва ҳамсарони Паёмбар модарони муъминонанд”. (Сураи Аҳзоб – 6).

Пас шумо миёни дуто гумроҳӣ ҳастед, кадомеро ки хоҳед интихоб намоед!

Оё аз ин ишкол хориҷ шудам?

Ибни Аббос мегӯяд: Онҳо ба якдигар нигоҳ карданду гуфтанд, бале!

Гуфтам: Аммо гуфтаатон, ки Алӣ номи худро аз “амири муъминон” будан ҳазф кард, посухашро бо чизе медиҳам ки розӣ мешавед.

Паёмбар (салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) рӯзи Ҳудайбия Қурайшро даъват кард, то ки байни Паёмбар ва байни онҳо аҳдномае навишта шавад ва ба Суҳайл ибни Амр ва Абу-Суфён навишт.

Ва Паёмбар гуфт: Эй Алӣ, бинвис, ин (онҷӣ ки дар аҳд омадааст) чизе ҳаст, ки “Муҳаммад – фиристодаи Аллоҳ” бар он ҳукм кардааст.

Аз тарафи Қурайш гуфтанд: Агар медонистем, ки фиристодаи Аллоҳ ҳастӣ, туро аз Байтуллоҳ бознамедоштем ва бо ту намеҷангидем, балки бинавис: Муҳаммад ибни Абдуллоҳ!

Паёмбар дар посух гуфт:

- Савганд ба Аллоҳ, ки дар ҳақиқат, фиристодаи Аллоҳ мебошам, агарчанде бовар намедоред.

Навис, эй Алӣ: Муҳаммад ибни Абдуллоҳ!

Ибни Аббос мегӯяд: Расулуллоҳ (салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) беҳтару бартар аз Алӣ (разияллоҳу анҳу) буд ва он гоҳе ки номи худро аз “паёмбарӣ” ҳазф кард, аз нубувват ва паёмбарӣ хориҷ нагашт.

Аз ин ҳам хориҷ шудам (ба ин ишколатон ҳам посух гирифтед)?!

Гуфтанд: Бале!

Ва (дар натиҷа) ду ҳазор нафари он қавм бозгашту чаҳор ҳазори эшон боқӣ монду бар гумроҳӣ кушта шуданд”.

*("Мусаннаф"-и Абдур-Раззоқ 18678 ва "Муснад"-и Имом Аҳмад 3187, "Мустадрак"-и Ҳоким 2/150-152 ва ғайраҳо).*

**Аслҳое[18] муҳим ва дарсҳое азим дар ин асар:**

---

[18] *Асл - появу асос ва беху буни ҳар чизро гӯянд. Асл чизест муҳкаму собит, ки дигар чизҳо (аз умури фаръӣ ва масоили ҷузъӣ) бар он бино мешавад.*

*Шайх Абду-р-Раҳмони Саъдӣ гӯяд:*

**ومعلوم أن الأصول والقواعد للعلوم بمنزلة الأساس للبنيان، والأصول للأشجار، لا ثبات لها إلا بها، والأصول تبنى عليها الفروع، والفروع تثبت وتتقوى بالأصول، وبالقواعد والأصول يثبت العلم ويقوى، وينمى نماءاً مطرداً، وبها تعرف ماخذ الأصول، وبها يحصل الفرقان بين المسائل التى تشتبه كثيراً.**

*"Пайдост, ки усул ва қавоъид барои улум ба ҷои асос барои хона ва ҷои реша барои дарахт аст, ки бе асоси худ усутвор нахоҳанд монд. Ва бар ҳамин усул фурӯъро бино мекунанд ва ин фаръу шохаҳо бар ҳамин аслҳо устувор мемонанду қавӣ мегарданд ва паёпай меболанд.*

**Аввал:**

Сабаби гумроҳӣ ва инҳирофи хаворич фаҳми ноқис ва бардошти ғалат аз мутуни шариъат аст ва муҳимтарини сабабҳои гумроҳии эшон бар ду банд аст:

1. Фаҳмидани мутуни шариъат бо аввалин пиндору фаҳме ки ба сарашон меояд, бидуни тааммул ва риъояти мақосиди шариъат ва мақосиди мутуни шаръӣ. Бад-ин сабаб дар таҳрифу таъвили нодурусти мутуни шариъат афтоданд.

2. Баъзе аз мутуни шариъатро гирифтаву боқии онро вомегузоранд, чунончи як далели шаръиро дар масъалае мегиранду бо он амал мекунанд, вале боқимондаи мутуни шариъатро дар худи ҳамон масъала нодида мегиранд. Дар натиҷа, баъзе мутуни шариъат бо баъзеи дигар мекӯбанд.

(Ҳамин асли азим ва қоъидаи муҳим буд, ки Ибни Аббос {Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод!} тавонист, хавориҷро сокит кунад. Яъне боқимонда мутуни шариъатро бар эшон арза карду забонашонро баст).

Ва ҳамин иллати гумроҳии хаворич (яъне бархурди нодуруст бо нусуси шариъат) иллати гумроҳии дигар фирқаҳо низ мебошад. Имом Шотибӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфта:

(الجهل بمقاصد الشريعة، والتخرص على معانيها بالظن من غير تثبت، أو الأخذ فيها بالنظر الأول، ولا يكون ذلك من راسخ في العلم).

"(Сабаби аслии гумроҳ шудан аз) надонистани мақосиди шариъат ва бо тахмину гумон ва бе таҳқиқ дурӯғ бастан бар маъонии мақосиди шариъат, ё аз рӯи аввалин фаҳму бардошти хеш онро ба кор бурдан (сар мезанад). Ва ин (чунин муносибат бо шариъат) албатта аз соҳиби илму дониш сар намезанад[19]". *(Эътисоми Имом Шотибӣ, 2/182).*

---

*Аз рӯи ҳамин қоидаҳо шинохта мешавад, ки ин усул аз кадома сарчшмаҳо гирифта шудаанд ва бо ин қавоъид байни масъалаҳое фарқ мегузоранд, ки бисёр шакку шубҳа меангезанд". ("Тариқу-л-вусул"и Шайх Абду-р-Раҳмони Саъдӣ, саҳ.4).*

*Ва Шайху-л-Ислом Ибни Таймия гӯяд:*

(لا بد أن يكون مع الإنسان أصول كلية ترد إليها الجزئيات ليتكلم بعلم وعدل، ثم يعرف الجزئيات كيف وقعت، وإلا؛ فيبقى في كذب وجهل في الجزئيات، وجهل وظلم في الكليات، فيتولد فساد عظيم) .

*"Ногузир аст, ки инсон бо худ аслҳои куллие дошта бошад, ки ҷузъиёт ба онҳо бозгарданд, то ки аз рӯи дониш ва адолат сухан гӯяд. Сипас бидонад ки ин ҷузъиёт чӣ гуна воқеъ гаштаанд. Ва илло, дар мавриди ин ҷузъиёт дар дурӯғу нодонӣ боқӣ монад ва дар мавриди куллиёт дар нодониву ситам бозмонад. Дар натиҷа, фасоди азиме падидор гардад". (Маҷмуъу-л-фатово, Ибни Таймия, 19/203).*

*Ончӣ ки имрӯз аз фасоду инҳироф дар илму эътиқод ва фаҳму бардошти баъзе аз ҷавонон мебинем, ғолибан, ба сабаби ҳамин дур будан ва ғофил буданашон аз усул ва қавоъиди аҳли Суннат аст!*

*[19] Ончӣ ки имом Шотибӣ гуфта аст, мутаассифона, ҳақиқати ҳоли бисёре аз ҷавонони эҳсосотӣ ва "қаҳрамонҳо"-и фазои интернет аст, ки бо ақлу зеҳни мардум бозӣ мекунанд. Дар ин гуфтори имом бештар тааммул бикун, бародари азизам!*

**Дуввум:**

Масъалаи ҳирсу талош барои ваҳдати муслимин ва ҷамоъати уммати исломӣ.

Онҷӣ ки Алӣ {Аллоҳ аз ӯ розӣ бод} кард, далели ҳамин масъала ва ҳамин аслу қоъида ҳаст; вақте ба Алӣ хабар доданд, ки ҷамоъате бар ӯ шӯриш хоҳанд кард, гуфт: "Бигзорашон то хуруҷ кунанд, ман бо эшон намеҷангам, то онҳо аввал бо ман биҷанганд,...".

Алӣ {Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод!} намехост, ки бо қатлу куштори хаворич сабаби парокандагии мусулмонон шавад ва қудрату шавкати умматро заъиф созад, то он даме ки худи хаворич бар зидди ӯ қиём кунанд, ё ки бо бидъати хеш мусулмононро биозоранд.

Ва ҳамчунин, рафтани Абдуллоҳ ибни Аббос {Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод!} барои гуфтугӯ ба назди хаворич ва ҳирсу талоши ӯ барои тафоҳум бо эшон ва ҷавоб гуфтан ба шубуҳоташон баёнгари ҳамин асл аст.

Ва имрӯз низ мусулмононро воҷиб аст, ки ҳамин равишро бипаймоянд ва барои ҳамдигарфаҳмиву якпорчагии сафҳояшон талош варзанд ва аз ҳар чизе ки сабаби заъфи эшон аст бипарҳезанд. Ин аслу қоъидаи муҳимро, бо асли дигаре аз усули муҳим мепайвандем:

**Саввум:**

Шояд ин асл, аз асоситарин ва муҳимтарин аслҳо бошад, ба хотири ниёзи сахти мусулмонон ба ин асл (ки роҳи расидан ба ваҳдат ва якпорчагии муслимин) аст. Масъалаи ваҳдат ва якпорчагии мусулмонон як шиъору гуфторест, ки ҳар мусулмон ва ҳар ҷамоъате онро ба забон меорад. Ҳама доди ваҳдат мезананд, ҳама даъвои ҳирсу талош бар ваҳдатро доранд.

Вале, роҳи ҳақиқии расидан ба ин ваҳдат ва таҳқиқи ин якпорчагӣ кадом аст?! Ин аст матлаби муҳиме, ки мавриди хилоф аст ва пойҳо мелағзанду фаҳмҳо раҳгум мезананд ва қаламҳо мунҳариф мешаванд!

Ваҳдати муслимин матлаби шаръист ва мақсаде азим аз мақосиди шариъат аст, пас роҳи расидан ба он низ бояд василаи шаръӣ бошад. Бояд ваҳдати муслимин ибодате бошад, ки бо он ба сӯйи Худованд (азза ва ҷалла) тақарруб ҷӯем ва пайдост, ки Худоро парастидан нашояд, магар бо онҷи Ӯ худ машрӯъ намуда, зеро ҳар амале, ки бар он амри шариъат набошад, мардуд аст!

Пас, ваҳдати мусулмонон маънои дурусташ ин аст, ки ҳамагӣ ба фаҳми дурусти Китоби Худо ва Суннати набавӣ баргарданд, вале бо фаҳми пешиниёни солеҳ. Танҳо ба ин тариқа метавон уммати парокандаи исломиро муттаҳид ва якпорча кард. Роҳи ягона барои ваҳдати саффи мусулмонон ҳамин асту бас. Ва ҳамин буд равише, ки Ибни Аббос бо хаворич ба кор бурдаву Алӣ онро таъйид намудааст!

Абдуллоҳ ибни Аббос {Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод!} ба назди хаворич рафт, то ки эшонро ба саффи иттиҳоди исломӣ бозгардонад. Қабл аз онки бо эшон мунозара кунад, аввал манҳаҷи саҳеҳ (равиши дуруст)-ро баён намуд:

"Агар аз Китоби Худои таъоло оёти муҳкамро бихонам ва аз суннати Паёмбар ҳамонеро ки инкор намекунед бар шумо ривоят кунам, (аз ин ҳоли хеш) бозмегардед?".

Пас роҳи ҳал ва хуруч аз ин бунбаст, ҳамин Китоби Аллоҳ ва Суннати набавӣ ва бозгашт ба он аст!

Ва аммо дар мавриди фаҳм, қаблан Ибни Аббос ба хаворич таъкид карда буд: "Омадам, то ки бо шумо дар бораи асҳоби Паёмбар суҳбат кунам ва аз назди домоди Паёмбар омадам. Ёрони Паёмбар касоне ҳастанд, ки ваҳй (шариъат ва Қуръону Суннат) бар эшон нозил мешуд ва эшон ба фаҳму дарки он огоҳтаранд ва дар миёни шумо касе аз ёрони Паёмбар нест!".

Аллоҳу акбар! Чӣ басо софу ошкору возеҳ аст ин манҳач! Бозгашт ба Китобу Суннат бо фаҳми гузаштагони некӯкори уммат[20]!!!

Инак, баъд аз онки равиши саҳеҳро бароящон баён намуд, ба посух додани далелҳояшон ва радди шубуҳоташон оғоз кард ва фасоду хароби манҳачашонро барояшон тавзиҳ дод. Пас ҳар нафаре ки ҳақро пазируфт ва аз афкору эътиқоди хеш бозгашт ва ончӣ ки чамоъати муслимин эътиқод дорад, ҳамонро муътақид шуд, ба саффи муслимин бозгашт. Аммо касе, ки қабул накард ва бар эътиқоди хеш исрор варзид, пас ӯ дар муқобили саффи муслимин аст ва роҳе барои ваҳдат бо ӯ нест. Балки (баъди мунозараи Ибни Аббос) ҳангоме боқимондаи хаворич фитнаро идома доданд, Алӣ {Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод!} бо эшон размид ва парвое накард.

Роҳи расидан ба ваҳдати муслимин, аз тариқи иттиҳод бар усули собите хоҳад буд, иттиҳод бар аслу асосҳои собит аз Қуръону Суннат. Роҳҳои дигарро шариъат қабул надорад ва барои мо чоиз нест, ки аз "шиъори ваҳдат" буте тарошему ҳар василаи ғайришаръиеро барои худ чоиз донем.

Он ваҳдате ки аз тариқи якчо кардани "гурӯҳҳои дар усулашон мухталиф" ба вучуд меояд ва бар замми ихтилофашон дар муътақадот дар доирае ва бо номе чамъоварӣ мешаванд, ваҳдати ғайришаръист ва он саффе, ки аз эшон ба вучуд меояд, саффи устувору муҳкам нахоҳад буд.

Фармоиши Худовандро тааммул кунем, ки фармудааст:

(وَاعْتَصِمُوا بِحَبْلِ اللَّهِ جَمِيعًا وَلَا تَفَرَّقُوا).

"Ҳамагӣ ба ресмони Аллоҳ чанг бизанед" ва сипас мегӯяд: "ва пароканда машавед". (Оли Имрон,103).

Имом Шотибӣ {раҳимаҳуллоҳ} дар тафсири ин оят мегӯяд:

---

[20] *Қуръону Суннат бо фаҳми пешиниёни солеҳ! Ин қоъидаву асл аст, на шиъори холие, то ҳар касе тавонад, онро ба забон оварду даъво намояд. Балки он равиши комилу шомилест, ки пойбандӣ бар он инсонро ҳақ медиҳад, то даъво намояд, ки Қуръону Суннатро бо фаҳму бардошти пешиниёни солеҳ гиранд.*
*Аммо даъвои мучаррад, бидуни риояи ин манҳач ва бидуни татбиқ шиъор додани ин қоъидаи азим фоидае надорад.*

"Аз ин оят чунин бармеояд, ки ваҳдат ва ҳамбастагӣ, ҳамон вақт ҳосил мешавад, ки иттифоқ ва иртибот мутаъаллиқ ба як маъно бошад, аммо агар ҳар гурӯҳе бар ресмоне чанг занад, пас ҳатман парокандагӣ хоҳад буд! Ва ин маънои фармудаи Худованд аст, ки мегӯяд:

(وَأَنَّ هَذَا صِرَاطِي مُسْتَقِيمًا فَاتَّبِعُوهُ وَلَا تَتَّبِعُوا السُّبُلَ فَتَفَرَّقَ بِكُمْ عَنْ سَبِيلِهِ).

"Ин роҳ - роҳи мустақими ман аст, аз он пайравӣ кунед ва аз роҳҳо (роҳҳои гуногун) пайравӣ макунед, ки шуморо аз роҳи Худованд (мунҳариф ва) пароканда месозад). (Анъом,153)". *(Эътисоми имом Шотибӣ, 2/182).*

Пас, зоеъ кардани усул ба хотири ваҳдат роҳест ғайришаръӣ ва амалест ғайримаъқул ва ғайримақбул. Уфтодани парокандагӣ ва тафриқа миёни мусулмонон коре ногузир аст.

Ва каломи Худованд ҳақ аст, ки гуфта:

وَلَوْ شَاء رَبُّكَ لَجَعَلَ النَّاسَ أُمَّةً وَاحِدَةً وَلاَ يَزَالُونَ مُخْتَلِفِينَ * إِلاَّ مَن رَّحِمَ رَبُّكَ وَلِذَلِكَ خَلَقَهُمْ.

"(Эй Паёмбар, ки умедвори имон овардани қавми хеш ҳастӣ! Бидон, ки) агар парвардигорат мехост, мардумонро (ҳамчун фариштагон дар як масиру бар як барнома қарор медод, ва) миллати ягонае мекард (ва пайравӣ дини ягона менамуд ва онон дар моддиёт ва маънавиёт ва дар интихоби роҳи ҳақ ё роҳи ботил ихтиёру ихтилофе намедоштанд), вале (Худованд мардумро соҳибихтиёр ва боирода офаридааст, ва) онон ҳамеша мутафовит хоҳанд монд (дар ҳама чиз ва ҳатто дар интихоби дин ва ё усулу ақоиде).

(Дар ҳама чиз, ҳатто дар дине, ки Худованд барои онон фиристодааст мутафовит мемонанд), магар касоне ки парвардигорат ба эшон раҳм кардааст (ва дар партави лутфу меҳрубонии Худованд дар аҳкоми дин бо ҳам муттафиқанд). Ва Худованд барои ҳамин (ихтилофу тафовут ва таҳаққуқи иродааш ва раҳмат кардан) эшонро офаридааст...". (Сураи Ҳуд, 118-119).

Ва каломи Расулуллоҳ ҳақ аст, ки аз парокандагии уммат хабар додааст:

(...وتفترق أمتي ثلاث وسبعين فرقة).

"... ва уммати ман ба 73 гурӯҳ тақсим хоҳад шуд". *(Сунани Тирмизӣ, ҳадиси шумораи 2640, ва нигар АбуДовуд 4596, Муснади Аҳмад 2/332 ва Туҳфатул-Аҳвазӣ шарҳи сунани Тирмизиро, шарҳи ҳадиси шумораи 2175 ва 2176).*

Пас, дар воқеъ ғайримкон аст, ки ихтилоф ба пуррагӣ аз байн равад ва ҳар мусулмоне ки ба маънои ин мутуни шаръӣ яқин дорад, ба чунин ваҳму шиъоре фирефта намешавад ва умедвор низ нахоҳад буд. Ва ин амрест, ки қазои Худованд бар он рафтааст. Чун ҳақиқати ҳол ингуна аст, оё маъқул аст, ки аз бахри коре имконнопазир дар усул ва пояҳои дину имони хеш саҳлангорӣ намоем?! Ҳол онки ба хотири саҳлангорӣ ва кутоҳӣ кардан дар усули дин, кайфар ва сарзаниш хоҳем дид.

Бо ин ки ҳар мусулмони мухлис ва содиқу ғаюр, аз ин ҳоли уммат ғамгин асту бисёр таассуф мехурад, роҳи ҳал ҳаргиз ин нест, ки ба хотири амре мавҳум ва муҳол дар усули дин ва эътиқоди худ кутоҳӣ варзем...

Аз хонандаи фарзона маъзарат мехоҳам, ки дар ин нукта тулонӣ сухан намудам. Сабаб ин аст, ки дар масъалаи ваҳдат ва ваҳдатхоҳӣ ба иллати ин саҳлангориҳо дар усули дин ва муътақадот иштибоҳоти фоҳиш ва инҳирофоти азиме рух додаанд[21].

**Чаҳорум:**

Ҳукм дар арзёбӣ (баҳодиҳӣ)-и мардум:

Ҳоли хаворич дар ичтиҳоду талош дар тоат ва ибодати фаровон, аз касе пӯшида нест ва Паёмбар (алайҳис-салом) низ дар ин маврид мефармояд:

(يخرج فيكم قوم تحقرون صلاتكم مع صلاتهم، وصيامكم مع صيامهم، وعملكم مع عمله...).

"Дар миёни шумо қавме пайдо мешавад, ки шумо намози худро дар муқоиса бо намози эшон каму ночиз мешуморед ва рӯзадории худро дар муқоиса бо рӯзадории эшон ночиз мешуморед...". (Муттафақун алайҳ).

Ва Абдуллоҳ Ибни Аббос {Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод!} гуфтааст:

"Ба назди қавме ворид шудам, ки ҳеч гоҳ касеро дар ибодат ва ичтиҳод аз онҳо шадидтар надида будам. Дастонашон ба мисли зонуҳои шутур дурушт шуда, рӯйҳояшон аз осори сачда доғдор гашта, чомаҳояшон обшуставу фарсуда аст (киноя аз зуҳду беэътиноӣ ба зинат) ва аз бедорхобии зиёд ранги рӯяшон парида буд".

Бо ин ҳама худопарастӣ, онон бидъати хатарнокеро овардаанд ва тухми хилофро миёни уммати мусулмон коштанд. Аз ин чост, ки ҳар мусулмони солим-ақидае, ҳатман хаворичро мазаммат мекунад ва донишмандон дар китобу мусаннафоти хеш хаворичро танҳо ба хотири барҳазар доштани уммат аз бидъаташон ва барои баёни фасоди эътиқодашон зикр мекунанд, бидуни ҳеч ифтихоре аз ибодат ва талоши эшон (ва заррае аз ибодат ва ичтиҳоди эшон мадҳ намешавад)[22].

---

[21] *Бале, дар масъалаи ваҳдат ва ваҳдатхоҳӣ иштибоҳоти фоҳиш ва инҳирофоти азиме рух додааст. Мисле ки имрӯз баъзеҳо фиреби "ваҳдат ва тақриб"-и шиъаро хӯрдаанд ва ҳоло ҳам дарк накардаанд, ки "найранги ваҳдат ва тақриб" танҳо ба хотири нашри бидъат ва залолати шиъа дар чомеъаҳои аҳли Суннат аст.*

*Магар шарт аст, ки дар асари фитнаҳои шиъа хуни чавонони тоҷик бирезад, то ки ин фиребхӯрдаҳои "ваҳдат ва тақриб" ба ҳуш биёянд ва пеши роҳи шиъашавии мардуми чоҳили кишварро бигиранд?! Магар шарт аст, ки тачрибаи Яман ва Сурия ва Баҳрайну Кувайт дар кишвар амалӣ шавад, то инҳо аз кӯтоҳии худ пушаймон гарданд?!*

*Рӯзе мерасад, ки ин ҳақиқатро дарк хоҳанд кард, вале он рӯз чавоби ин қадар сукут ва саҳлангорияшонро ва посухи дӯстиву бародариҳояшонро хоҳанд дод.*

[22] *Хаворич (чӣ тавре ки Паёмбар фармудааст) аз ҳамон огози пайдоишашон ҳамин сифатро доранд, ки обиду зоҳид ва "мусулмонони ҳақиқӣ" чилвагар мешаванд. Чӣ тавре ки имрӯз низ, ҳамин ибодату тақво ва қаҳрамонӣ ва исломдӯстӣ васфу рекламаи эшон аст. Вале ибодат ва зуҳди эшон ва даъвои исломдӯстии эшон ҳеч самарае надорад, ба хотири эътиқоди ботил ва тасаввуроти галате ки доранд, ба*

Равиши возеҳи исломӣ (равиши аҳли Суннат) ин аст, ки арзёбии инсонҳо нахуст бар асоси эътиқодот ва тасаввурот анҷом меёбад ва тамоми дигар нишонаҳо (агар мақбули шариъат бошанд) баъд аз баррасии эътиқод меоянд, на қабл аз он (чун мақому манзалати инсон ва арзиши ӯ нахуст ба тасаввурот ва эътиқодоташ вобаста аст, сипас ба умури боқимонда).

Агар мо дар баҳодиҳӣ ба хаворич аз ҷиҳати талош дар ибодат нигарем ва ин чизро тарозу ва микёс қарор диҳем, пас эҳтиромашон бояд кард ва эшонро бузург дошт ва мақоми эшонро аз мақоми саҳоба низ боло пиндошт. Зеро ки Паёмбар ба саҳоба фармуда буд: "Шумо намози худро дар муқоиса бо намози эшон каму ночиз мешуморед,..". Чӣ қадр баду бероҳ аст ин гуна арзёбӣ!

Вале вақте ки мо эътиқод ва тасаввуротро меъёри асосӣ барои ҳукм қарор медиҳем, масъала ранги дигар мегирад ва ҳама чиз ба ҷойи хеш бозмегардад ва дар натиҷа, мебинем, ки хаворич дар дини Худованд бидъате хатарноку бузурге овардаанд ва тухми фитнаву ихтилофро миёни уммат коштаанду то имрӯз мекоранд.

Эътиқоди саҳеҳ, аз паси худ амали солеҳ (кирдори некӯ) ба бор меоварад ва ҳамин эътиқоди дуруст аст, ки мусулмони ҳақ, пайрави аҳли Суннат ва Ҷамоъатро аз дигарон ҷудо месозад, аммо эътибороти дигар (мисли талош дар ибодат ва ахлоқи ҳамида ва ғайраҳо) чизҳое муштараканд, ки онро ҳам мусулмони ҳақиқӣ дорад ва ҳам аҳли бидъат ва инҳироф. Аз ин рӯ, шоиста нест, ки ибодот қабл аз эътидоқот меъёри асосӣ қарор дода шаванд.

Дар натиҷаи набудани ҳамин асл (набудани равиши саҳеҳи арзёбӣ ва ҳукм бар ашхос), ё ки риъоят нашудани ҳамин асл, пайдост, ки баъзеҳо дар мадҳу санои Ҷамолуддини Афғонӣ ва Муҳаммад Абдуҳ ва дигарон зиёдаравӣ мекунанд, он ҳам ба гумони ин ки онон дар нашри Ислом ва дифоъ аз он талош кардаанд, вале ба меъёри асосӣ таваҷҷуҳе намекунанд. Барояшон муҳим нест, ки Ҷамолуддини Афғонӣ шиъае буд ва узви намоёне дар масонгарӣ буд ва ҳатто муассиси баъзе аз шохаҳои масонгарӣ дар кишварҳои арабӣ мебошад. Ё инки Муҳаммад Абдуҳ бо он ҳама ихлосаш дар дифоъ аз Ислом, муъҷизотро таъвил мекард ва ақлро бар нақл муқаддам менамуд ва робитаҳои шаккангезе бо мусташриқин дошт.

Ҳамчунин, баъзеҳоро ба хотири собиқа доштанашон дар даъвати исломӣ, ё зиёд будани ҳидоятёфтагон ба сабаби онҳо, ё ки ранҷи кашидаашон дар роҳи таблиғ, ё ба сабаби муддати зиёд дар зиндонҳои золимон буданаш таъзиму тақдис мекунанд, вале ба меъёри асосӣ аҳамият намедиҳанд.

---

*хотири он бидъате ки дар уммати Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) асос гузоштаанд. Бидъати такфир ва қатлу куштори мусулмонон.*
*Ба хотири ҳамин бидъат ва инҳирофашон Паёмбар хаворичро "сагони ҷаҳаннам" васф намуд ва ибодату зуҳду исломдӯстӣ барояшон суде набахшид!*

Гуфтанӣ нестем, ки амалҳои мазкур арзише надоранд, балки он аъмол фазли азиме дорад, агар асли аввал дуруст бошад. Ва ҳатто агар асли аввал дуруст набувад ҳам, мо ҳақро мепазирем ва фазли ҳар соҳибфазлро эътироф мекунем. Мутассифона, ишкол дар отифаву эҳсосот аст, ки баъзе мардонро бузург метарошем ва барояшон таъассуб варзем ва бар адлу сидқу покии эшон гувоҳӣ медиҳем, (ё ки шаҳидашон эълон кунем), он ҳам танҳо ба хотири эътибороте дуйумдарача, бидуни аҳаммият ба меъёри асосӣ!

**Панчум:**

Қабул кардани чунин равише (ва чунин фикру маслаке) аз тарафи хаворич, аслан дар асоси илму басират ва тадқиқ набуд, барои ҳамин ҳам баъди чанд дақиқаи аввали мунозара шубуҳоташон бартараф гашту далоилашон барҳам хӯрд. Ва ҳарчанд, ки қисме аз он хаворич ба хотири ихлосашон ва бозгашташон ба роҳи рост ва қабули ҳақиқат мавриди мадҳу сано ҳастанд, вале ба хотири шитобашон дар қабули афкор интиқод ва мазаммат мешаванд, ки афкореро бидуни таҳқиқ ва тадқиқу баррасӣ пазируфтанд. Ҳамин тавр, онҳое ки андешаву афкореро бидуни тадқиқ ва баррасии амиқ мепазиранд, ҳатман интиқолашон аз мазҳаб ба мазҳабе зиёд мешавад[23].

Имрӯз даъвати исломӣ бо таҳаддиёти азим ва мушкилоти зиёде аз дохилу хорич мувочеҳ аст. Агар аҳли даъват дар афкори хеш ва ҳуччату бурҳони афкори хеш устувор набошанд, аз тараддуду дудилагӣ дар амон нахоҳанд монд...

Мояи дареғ аст, ки бисёре аз пайравони даъватҳо (чамоъату гурӯҳҳо) зеҳнашон аз афкори асил тиҳист, вале тиҳигоҳи зеҳни худро бо таърихи чамоъаташон ва зиндагиномаи пешвоёнашон пур кардаанд ва тӯшаи роҳашон дар роҳи даъват ва тариқи ислоҳ танҳо ҳамин аст ва ангезаи амал карданашон танҳо ҳамин аст. Пас насиҳати мо барои ҳар мусулмон ин аст, ки появу усули андешаҳо ва равиши хешро баррасӣ намояд ва барои он далели шаръӣ бичӯяд ва далели шаръиро бо равиши саҳеҳу дуруст бифаҳмад. Ва содиқона тафтишу баррасӣ кунад, ки оё дар ҳақиқат аз самими қалб қонеъ гаштаву ин афкорро пазируфтааст, ё инки зери таъсири умуре дигар ин афкорро қабул карда?! Ва илло ҳар гоҳ, ки он ангезаҳо ва таъсирот аз байн биравaнд, афкор низ аз байн хоҳанд рафт.

Аз саҳобии бузургвор Каъб ибни Молик дарси бузурге бигирем, ки ӯ ва ду тан аз ёрони Паёмбари Худо ба сабаби иштирок накардан дар ғазвае, Паёмбар ҳачрашон карда буд ва мусулмонон низ амр шуда буданд, ки ба ин се нафар салом надиҳанд, дар ҳамин ҳол барояш аз Шоҳи Ғассон номае омад, ки ӯро ба иззат ва каромат фаро мехонад, вале Каъб ибни Молик мутараддид ва дудила нашуд, балки номаи шоҳро ба танӯр андохт, чун ки медонист ва яқин дошт, ки ӯ дар дину эътиқоди худ бар ҳақ аст!

---

[23] *Ҳар рӯз бар ҳолест ва ҳар чиро, ки отифа ва эҳсосоташ амр кунад, ҳамонро мепазирад. Шояд ки шахси солеҳе бошад, вале мушкилаш он аст, ки дар қабули афкор ва тасаввур кардани умур шитоб мекунад.*

Пас, насиҳати мо ба бародарони даъватгарамон ҳамин аст: Ҳар кас, ки андешаву афкореро бо шитоб ва таҳти таъсири ҳолати муъайяне қабул кунад, имкон дорад, ки бо ҳамон шитобкорӣ ва таҳти таъсири ҳолатҳо ва авомили дигаре аз он афкор даст кашад.

**Шашум:**

Мухолифати комили Ибни Аббос бо хаворич дар тамоми афкор ва тасаввурот, ӯро аз адлу инсоф боз мадошт. Абдуллоҳ ибни Аббос қодир буд, ки сукут кунад, вале адлу инсоф бо мухолифъақидагон ӯро водор кард, ки онҳоро чунин васфе кунад, агарчанде ки дар ин васф мадҳи хаворич аст:

"Ба назди қавме ворид шудам, ки ҳеҷ гоҳ касеро дар ибодат ва иҷтиҳод аз онҳо шадидтар надида будам...".

Пас, даъватгарон ва дастандаркорон дар майдони даъватро воҷиб аст, ки бо мухолифини хеш адлу инсофро риъоят кунанд ва аз зикри маҳосинашон имтиноъ наварзанд, балки талош кунанд, ки барои аз хубиҳои мухолифинашон баҳра баранд.

**Ҳафтум:**

Мавзӯъи ҳирсу талош бар намози ҷамоъат.

Ниёзе барои ёдрас кардани ин нукта набуд, зеро ки аз ҷумлаи чизҳои зоҳир ва маълум аст ва далелҳои шаръӣ дар мавридаш фаровон. Мутаассифона, саҳлангории бисёре аз давъватгарон (чӣ расад ба авоми мардум), моро водор мекунад, ки ин дарс низ баён гардад.

Ҳодисаҳои зиёде мешунавем дар бораи онҳое ки нисбати намози ҷамоъат кӯтоҳӣ мекунанд, бо баҳонаи онки ба талаби илм машғуланд, ё ки ба баъзе таҳқиқоти илмӣ, ё ки бо бародаронаш дар амре аз умури муслимин банд аст. Бояд дар ҳоли Абдуллоҳ ибни Аббос андеша кард, ки машғули вазифаи азиме буд ва шакке нест ки барои манфиъати муслимин буд, вале ҳирсу талоши ӯ ба намози ҷамоъат бештар буд, ки ба Алӣ гуфт:

- Намозро (яъне намози Пешинро) сардтар адо кун (яъне каме ба таъхир андозу баъди рафтани гармо бигузор), то аз намоз (-и ҷамоъат) намонам...

Пас, оё вақташ нарасидааст, ки ин мавзӯъро дарк кунем ва аз кӯтоҳӣ варзидан дар фармудаҳои Худованд бипарҳезем ва бидонем, ки пойбандӣ ба аҳкоми дин воҷиб аст ва намози ҷамоъат аломати дурахшони шахси мусулмон аст ва аз бузургдошти нишонаҳои дини Худои таъолост[24]?!

---

[24] *Мутаассифона, чӣ тавре ки дар ин замона мебинем, толибилме ки дар ҳифзи масоили илмӣ талош мекунад, вале дар умури ибодат ва рафтор хушку саҳлангор аст! Ин дуруст нест. Бояд, мусулмон байни ин ду чиз ҷамъ кунад (- байни омӯхтан ва ҳифзу дарси масоили илмӣ ва байни назорати қалбаш ва таҳзиби рафтору кирдор ва ахлоқаш). Ва илло, асари он ҳама талаби илмаш барбод хоҳад рафт! – Шайх Саъид Маҳмуд.*

**Ҳаштум:**

Даъватгарон ва соҳибони манҳаҷи ҳақро, нашояд, ки аз тавба ва бозгашти мардумони роҳгумзада ва мунҳариф ноумед ва маъюс гарданд. Хаворичро, бибинед, ки бо вуҷуди ин қадар гумроҳии шадид (то ҳадде ки Абду-р-Раҳмон ибни Мулҷам даъво мекард, ки Алиро ба хотири ризои Аллоҳ куштааст), бисёре аз эшон ҳақпазир шуданд. Пас, аз тавбаи гурӯҳҳои мунҳариф набояд маъюс шуд.

Бисёре аз пайравони гурӯҳҳо ва ҷамоъатҳои раҳгумзадаро "устод"-у "пешво"-ёнашон аз шунидан ва пазируфтани ҳақ бозмедоранд, зеро ки аз таъсири манҳаҷи ҳақ дар ҳаросанд ва метарсанд ки пайравонашон аз таъассуб ва тақлиди кӯр-кӯрона хориҷ мешаванд. Ҳамин мумонеъати "устодон"-у "пешвоён" аст, ки даъвати ҳақ ба бисёре аз онҳо нарасидааст.

Барои ҳамин, даъватгаронро бояд, ки талоши пайваста кунанд, то барои пайравони оддии ин гурӯҳҳо дур аз чашми пешвоён ва асотидашон ҳақро бирасонанд.

Ин буд, чанде аз усули муҳим ва дарсҳое муфид аз ин қиссаи ибратангез ва дарсҳои дигаре низ дар ин қисса боқист, мисли "услуби мунозара ва ҷидол бо аҳли бидъат", "шахси шоиста бояд, хешро барои муҳиммот арза кунад" ва "танҳо ихлос барои дуруст гаштани амал кофӣ нест", "даъватгаронро бояд, бо мардум дар алоқа бошанд ва дар маҷолиси эшон ширкат кунанд", "ва даъватгарро нашояд, ба хотири хеш хашм гирад", "дар кардани коре аз роҳбар бояд иҷозат хостан".

Аз Аллоҳ дархост мекунем, ки моро ба илми додааш нафъ бахшад, ҳароина Ӯ шунавои дуопазир аст!